/

# ҚАРОРИ №6

ҷаласаи шӯрои диссертатсионии 6D КОА-027 дар назди МДТ
"Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров"
аз 6 ноябри соли 2020

Ҳайати шӯрои диссертатсионӣ иборат аз 15 нафар тасдиқ шудааст.
Иштирок доштанд: Шаропов Ш.А., Сабурӣ Х.М., Бобоева С.Б., Абдуллоева М.А., Азизов А.А., Азимова Н.С., Аминҷонова М.С., Исломов О.А., Ишматова Ш.А., Файзиев И.Д., Хоҷаева М.Ҷ., Шарипов Э.

## РӮЗНОМА

**1.** Барои баррасии муқаддамотӣ қабул кардани диссертатсияи Ҷалолова Гулчеҳра Субҳонбердиевна дар мавзӯи "Шароитҳои психологӣ – педагогии тарбия намудани одоби муошират дар кӯдакони синни томактабӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ), (роҳбари илмӣ, доктори илмҳои педагогӣ, профессор Маҷидова Б.) ва таъин намудани комиссияи ташхис.

**2.** Барои баррасии муқаддамотӣ қабул кардани диссертатсияи Турсуматова Раъно Аҳмадҷоновна дар мавзӯи «Имконоти педагогии ташкили таълими ба амалия тамоюлдоштаи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (дар асоси маводҳои забони хориҷӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ), (роҳбари илмӣ, доктори илмҳои педагогӣ, профессор Шаропов Ш.А.ва таъин намудани комиссияи ташхис.

**Шунида шуд:**

Ахбори раиси шӯрои диссертатсионӣ, д.и.п., профессор Шаропов Ш.А. дар бораи ворид гардидани ариза, ҳуҷҷатҳо ва диссертатсияи Ҷалолова Гулчеҳра Субҳонбердиевна ба шӯрои диссертатсионӣ.

**Баромад кард:**

Котиби илмии шӯрои диссертатсионӣ Бобоева С.Б. маълумот дод, ки ҳуҷҷатҳои ба шӯрои диссертатсионӣ пешниҳоднамудаи Ҷалолова Гулчеҳра Субҳонбердиевна, автореферат (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) ва диссертатсияи ӯ ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №505 аз 26.11.2016) мувофиқат мекунад ва унвонҷӯй ҳуҷҷатҳои зарурӣ ва диссертатсияи худро пешкаш намудааст.

Бинобар ин, барои қабул намудани диссертатсияи мазкур барои ташхиси аввалия ягон монеа вуҷуд надорад.

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Ҷалолова Гулчеҳра Субҳонбердиевна дар мавзӯи “Шароитҳои психологӣ – педагогии тарбия намудани одоби муошират дар кӯдакони синни томактабӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ), (роҳбари илмӣ, доктори илмҳои педагогӣ, профессор Маҷидова Б.) барои ташхиси аввалия қабул карда шавад.

2. Комиссияи ташхис дар ҳайати зерин таъин карда шавад:
- доктори илмҳои педагогӣ, профессор Исломов О.А. – раиси комиссия;
- номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Аминҷонова М.С. – аъзо;
- номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Ишматова Ш.А. – аъзо.

Дар натиҷаи овоздиҳии кушод: “тарафдор” – 12, “зид” –нест, “бетараф” -нест, қарор тасдиқ карда шуд.

Аз рӯи масъалаи дуюм ахбори Шаропов Ш.А. доктори илмҳои педагогӣ, профессор, – Раиси шӯро, дар бораи ворид гардидани ариза, ҳуҷҷатҳо ва диссертатсияи Турсуматова Раъно Аҳмадҷоновна ба шӯрои диссертатсионӣ шунида шуд

**Баромад кард:**

Котиби илмии шӯрои диссертатсионӣ Бобоева С.Б. маълумот дод, ки ҳуҷҷатҳои ба Шӯрои диссертатсионӣ пешниҳоднамудаи Турсуматова Раъно Аҳмадҷоновна, автореферат (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) ва диссертатсияи ӯ ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №505 аз 26.11.2016) мувофиқат мекунад, унвонҷӯ ҳуҷҷатҳои зарурӣ ва диссертатсияи худро пешниҳод намудааст. Бинобар ин, барои қабул намудани диссертатсияи мазкур барои ташхиси аввалия ягон монеа вуҷуд надорад.

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Турсуматова Раъно Аҳмадҷоновна дар мавзӯи «Имконоти педагогии ташкили таълими ба амалия тамоюлдоштаи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (дар асоси маводҳои забони хориҷӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва

таҳсилот (илмҳои педагогӣ), (роҳбари илмӣ, доктори илмҳои педагогӣ, профессор Шаропов Ш.А.) барои баррасии муқаддамотӣ қабул карда шавад.

2. Комиссияи ташхис дар ҳайати зерин таъин карда шавад:

- доктори илмҳои педагогӣ, профессор Азизов А.А. – раиси комиссия;
- номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Шарифов Э. – аъзо;
- номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Азимова Н.С. – аъзо.

Дар натиҷаи овоздиҳии кушод: “тарафдор” – 12, “зид” –нест, “бетараф” -нест, қарор тасдиқ карда шуд.

Раиси шӯрои диссертатсионӣ
д.и.п., профессор Шаропов Ш.А.

Котиби илмии шӯрои диссертатсионӣ
н.и.п., дотсент Бобоева С.Б

Имзои Шаропов Ш.А ва Бобоева С.Б.-ро
Тасдиқ мекунам
Сардори РК ва
Амриnова З.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС